Лоиҳа

# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

## БОБИ 1. ҲОЛАТҲОИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мавзӯи танзим ва мақсади ҳамин Қонун

1. Ҳамин Қонун муносибатҳоеро танзим менамояд, ки дар рафти амалисозии фаъолияти ҳунармандии касбӣ ба мақсадҳои ҳифз ва рушд намудани мероси фарҳангӣ, барқарорнамоӣ ва рушди шабакаҳои маҳалҳои аҳолинишин, зиёдшавии шуғли аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони маҳсулоти ҳунармандӣ пайдо мешаванд.

2. Ҳамин Қонун ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо, ҷавобгарӣ ва шаклҳои ташкилотҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқиеро, ки фаъолияти ҳунармандиро амалӣ менамоянд, инчунин фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти худидораи маҳалҳоро дар соҳаи танзими фаъолияти ҳунармандӣ муайян менамояд.

3. Мақсади ҳамин Қонун муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқии ташкили фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, эҳё, ҳифз ва рушди мероси фарҳангии нодир, қадима, пайвандҳо ва ананаҳои таърихии санъати ҳунармандии устоҳои ҷумҳуриро ҳамчун қисми фарҳанги таммадун ва маҳаки муҳими мероси миллӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба молҳо, корҳо, хизматрасониҳои таъиноти истеъмолӣ дошта, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди ҳунармандӣ, ҳамчун системаи мустақили истеҳсолот, рушди шабакаҳои истеҳсолотӣ дар сатҳи маҳалҳо, зиёдшавии шуғли аҳолӣ, тай|р намудани мутахассисони касбӣ дар соҳаи ҳунармандӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагон, инчунин маҳсулоти онҳо мебошад.

### Моддаи 2. Танзими ҳуқуқии фаъолияти ҳунармандӣ

1. Муносибатҳои вобаста ба фаъолияти ҳунармандӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, бо ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, танзим карда мешаванд.

2. Муносибатҳо дар соҳаи ҳунармандӣ, к ибо ҳимояи ҳуқуқӣ ва истифодаи объектҳои моликияти зеҳнӣ алоқаманд мебошанд, бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд.

**Моддаи 3. Мафҳумҳои асосие, ки дар ҳамин Қонун истифода мешаванд**

Ба мақсадҳои ҳамин Қонун мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) фаъолияти ҳунармандӣ – намуди фаъолияти касбӣ оид ба истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳои таъиноти истеъмолӣ (шахсӣ, оилавӣ, маишӣ, хонаводагӣ, бадеӣ ва ғайра) дошта, бастаи хурд, дона, аз он ҷумла, тибқи фармоиши инфиродӣ, бо истифода аз донишҳои махсус, малака, кордонӣ, анъана, сирри махсус, ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ амалӣ карда мешавад. Фаъолияти ҳунармандӣ фаъолияти соҳибкорӣ (тиҷоратӣ) намебошад;

2) субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти ҳунармандиро мутобиқи меъёрҳои зерин амалӣ менамоянд:

– на камтар аз 75% ҳаҷми умумии маҳсулот ва хизматрасониҳои аз ҷониби субъекти ҳунармандӣ пешниҳодшаванда бо воситаи фаъолияти ҳунармандӣ истеҳсол (расонида) мешавад;

– на камтар аз 25% шахсони дар ин субъекти хоҷагидорӣ коркунанда ҳунармандон мебошанд;

3) ҳунарманд – шахси воқеии дорои тахассуси касбиест, ки бо ҳуҷҷати намунааш муқарраршуда тасдиқ шудааст, фаъолияти ҳунарманди касбиеро амалӣ менамояд, ки ба номгӯи касбҳои ҳунармандии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда дохил мешавад, ва ба Феҳристи ҳунармандони Тоҷикистон дароварда шудааст;

усто – шахси воқеие, ки дорои таҷрибаи кории ҳади ақал дар яке аз намудҳои ҳунармандӣ (косибӣ) мебошад, ки бо ҳуҷҷати намунааш муқарраршуда (шаҳодатнома, диплом) дар бораи ба вай додани тахассуси касбии ҳунарманд «усто» тасдиқ шудааст;

5) шогирди усто – шахси воқеие, ки дорои таҷрибаи кории ҳади ақал дар яке аз намудҳои ҳунармандӣ (косибӣ) мебошад, ки бо ҳуҷҷати намунааш муқарраршуда (шаҳодатнома, диплом) дар бораи ба вай додани тахассуси касбии ҳунарманд «шогирди усто» тасдиқ шудааст ва тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ дар назди усто ё дар ташкилоти ҳунармандӣ кор мекунад;

6) ташкилоти ҳунармандӣ – ташкилоти ғайрисоҳибкорӣ (ғайритиҷоратӣ), ки аз ҷониби субъектони фаъолияти ҳунармантӣ бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ ва (ё) ба субъектҳои ҳунармандӣ дар амалӣ намудани фаъолияти илмӣ, истеҳсолӣ, иттилоотӣ, маслиҳатӣ, таҳсилотӣ ва ғайра расонидани ёрӣ таъсис дода шудааст. Ба ташкилотҳои ҳунармандӣ инчунин дигар ташкилотҳо, аз ҷумла комплексҳои махсусгардонидашудаи фурӯшу ярмарка, толорҳои намоишӣ, марказҳои ҳунармандӣ, ки ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ мадад мерасонанд, дохил мешаванд;

7) иттиҳодияи ҳунармандони Тоҷикистон – ташкилоти ғайрисоҳибкории (ғайритиҷоратии) ҳунармандӣ, ки субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро муттаҳид менамояд. Иттиҳодияи ҳунармандони Тоҷикистон метавонад дар шакли Иттифоқ, ҳам ҷумҳуриявӣ ва ҳам маҳаллӣ таъсис дода шавад. Иттиҳодияи маҳаллии ҳунармандон бояд «Иттифоқи ҳунармандони …» бо нишон додани вилоят, шаҳр ё ноҳияе, ки дар қаламрави он таъсис дода мешавад, номгузорӣ шавад;

8) дигар иштирокчиёни фаъолияти ҳунармандӣ – шахсони воқеӣ, устохонаҳо, ташкилотҳои таълимӣ, истеҳсолӣ, илмӣ, лоиҳакашӣ, васлгарӣ, рекламавӣ ва ғайра, ки тибқи шартнома бо ҳунармандон ва ё ташкилотҳои ҳунармандӣ кор мекунанд.

**Моддаи 4. Феҳристи ҳунармандони Тоҷикистон**

1. Мутобиқи талаботи ҳамин Қонун субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ба Феҳристи ҳунармандони Тоҷикистон дохил карда мешаванд. Феҳристи ҳунармандони Тоҷикистон системаи иттилоотие мебошад, ки иттилооти тибқи муроҷиати субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ба он воридшударо дар бораи Феҳрист дохил кардани онҳо ё ба онҳо расонидани ёрӣ дар ин ё он шакл дар бар мегирад. Феҳрист инчунин метавонад дигар иттилооти зарурии дорои маълумот дар бораи субъектҳои фаъолияти ҳунармандии ба Феҳрист воридгардида ва қарорҳои аз рӯи аризаи онҳо қаблулгардидаро дар бар гирад.

2. Феҳристи Хунармандони Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешавад:

1) нигоҳдорӣ ва фардикунонии иттилоот дар бораи субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва таъмини дастрасии фаврӣ ба он;

2) бақайдгирии муроҷиати субъектҳо ва дигар иштирокчиёни фаъолияти ҳунармандӣ;

3) муайян намудани тамоюли рушди ҳунармандӣ;

4) қабули қарор дар бораи ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ додани имтиёзҳо ва бартариҳои иловагӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

5) гузаронидани пурсиш миёни субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6) ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот дар бораи ташаккули бозори фурӯши маҳсулот (хизматрасонӣ, кор), ки аз ҷониби субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ истеҳсол карда мешавад.

3. Ба Феҳрист дохил нагардидани субъекти фаъолияти ҳунармандӣ наметавонад барои рад кардани пешниҳоди ба вай додани имтиёзҳо ва бартариҳо, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, асос шавад.

4. Феҳристи ҳунармандони Тоҷикистонро Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш мебарад.

## БОБИ 2. ШУҒЛИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

### Моддаи 5. Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандӣ

1. Номгӯи намудҳои касбҳо ва фаъолиятҳои ҳунармандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд. Маҳакҳои асосие, ки тибқи онҳо касбҳо ба гурӯҳи ҳунармандӣ мансуб доништа мешаванд, инҳо мебошанд:

1) истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ бе истифода аз таҷҳизоти телемеханикӣ ва дастгоҳҳои пурра автоматизатсия кардашуда, ки қобилияти бе иштирок ва назорати бевоситаи шахси идоракунанда иҷро намудани корҳоро дорад, ба истисноі дастгоҳҳои ченкунанда;

2) фардияти хусусияти объективӣ ва субъективии маҳсулот ҳангоми иҷро аз ҷониби шахсони гуногуни дорои фаъолияти шабеҳ.

2. Хусусиятҳои тахассусии намудҳои фаъолияти ҳунармандӣ ва талаботро нисбати донишҳои касбӣ ва малакаи ҳунармандон вобаста ба тахассуси онҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

### Моддаи 6. Усто

1. Усто ҳуқуқ дорад:

1) ҷиҳати тайёр намудани молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо шогирдон ва пайравонашро ҷалб намояд;

2) касби худро ба шогирдон ва пайравонаш омӯзонад;

3) маҳсулоти ба самти фаъолияти амаликунандаи ҳунармандиаш мувофиқро истеҳсол намояд, инчунин онҳоро мустақилона фурӯшад (бегона намояд);

4) арзиши маҳсулоти (кор, хизматрасонӣ) иҷрокардаашро муайян намояд;

5) дорои нишони (тамғаи) махсус бошад ва онро дар молҳои истеҳсолкардааш гузорад;

6) аз имтиёзҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад.

2. Усто фаъолияташро аз нигоҳи худ ба роҳ мемонад, инчунин дорои дигар ҳуқуқҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

3. Усто ӯҳдадор аст:

1) сифати дахлдори молҳои истеҳсол, корҳои иҷро, хизматрасониҳои мекардаашро таъмин намояд;

2) дар истеҳсоли молҳо, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо бевосита иштирок намояд;

3) аз рӯи фаъолияти шогирдон ва пайравонаш назорат намояд;

4) таълими касбии пайравонашро бовиҷдонона амалӣ намояд;

5) дигар ӯҳдадориҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, иҷро намояд.

4. Усто барои сифати моле, ки дорои тамғаи устохонаи вай мебошад, масъулият дорад.

5. Усто ҳуқуқ дорад касбашро ба таври инфиродӣ мувофиқи салоҳдиди худ пулакӣ ва ё ройгон омӯзонад.

6. Усто аз рӯи сифати маҳсулоте, ки истеҳсол менамояд, назорат мебарад, инчунин барои сифати маҳсулоти фурӯхташаванда новобаста аз он ки молро усто худаш тайёр намудааст ё шогирдаш (пайраваш) масъулият дорад.

7. Муносибатҳои байни усто, шогирдон ва пайравонаш бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи миёни онҳо танзим карда мешаванд.

**Моддаи 7. Шогирди усто**

1. Шогирди усто ӯҳдадор аст, ки супоришҳои усторо дар доираи фаъолияти амалишаванда иҷро намояд, сифати кори худ, инчунин сифат ва дурустии корҳоеро, ки пайравони усто иҷро менамоянд, назорат кунад.

**Моддаи 8. Пайрави усто**

1. Омӯзиши фаъолияти ҳунармандӣ ихтиёрӣ, дар асоси шартномаи хаттӣ ва ё шифоҳӣ, ки усто бо пайравонаш мебандад, амалӣ карда мешавад. Шартнома бо шогирдоне, ки дорои қобилияти пурраи ҳуқуқӣ намебошанд, бо розигии волидайн, шахсоне, ки онҳоро ба фарзандӣ хондаанд ё парасторони онҳо баста мешавад.

2. Шартҳои шартнома бояд аз ҳуқуқу ӯҳдадориҳои усто ва пайравонаш, талабот ба ҳифзи меҳнати шогирд ва дигар шартҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошанд, иборат бошад. Баъди ба охир расидани шартнома пайрави усто барои гирифтани тахассуси «шогирди усто» имтиҳон месупорад ва шаҳодатнома (диплом) мегирад.

3. Омӯзиши шахсе, ки ба синни 14 солагӣ нарасидааст, тибқи шартномаи хаттии миёни усто ва волидайни кӯдак (шахсони ӯро ба фарзандӣ хонда, васӣ, мақомоти васӣ ва парастор) амалӣ карда мешавад.

4. Пайрави усто ба имтиҳон барои гирифтани тахассуси «шогирди усто» дар асоси тавсияи усто роҳ дода мешавад.

**Моддаи 9. Фардикунонии маҳсулот ва корҳои ҳунармандӣ**

1. Усто мутобиқи салоҳдиди худ дар молҳои тайёрнамудаи худаш, шогирдонаш ва пайравонаш нишони махсус (тамға) мегузорад, ки молҳояшро тавассути он аз молҳои дигар ҳунармандон фарқ кардан мумкин аст.

2. Субъектҳои фаъолияти ҳунармандии дастаҷамъона метавонанд аз тамғаи дастаҷамъона истифода баранд, ки ба мол гузоштани онро танҳо ҳамон субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ ҳақ доранд, ки аъзои дастаҷамъона мебошанд ва тибқи қарори дахлдор ҳуқуқи истифода бурдани чунин тамғаро доранд.

3. Тамғаҳои субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ бояд аз якдигар фарқ дошта бошанд.

4. Агар субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ хоҳиши амалӣ намудани ҳуқуқ ба ҳифзи тамғаашонро аз истифодаи ғайриқонунӣ аз ҷониби дигарон дошта бошанд, онҳо бояд тамғаашонро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гиранд.

5. Ҳимояи ҳуқуқҳои муалифии ҳунармандон ба моли тайёркардаашон бо роҳи ба он гузоштани тамғаи шахсӣ бо тартиби судӣ амалӣ карда мешавад.

6. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон:

1) дар агентии оид ба патент ва нишонаҳои молӣ ба сифати намояндаи патентӣ аз қайд мегузарад ва метавонад тибқи фармоиши ихтиёрии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ расмиёти бақайдгирии тамғаи онҳоро амалӣ намояд;

2) намунаҳои тамғаҳои субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд, нигоҳдорӣ менамояд.

## БОБИ 3. ОМӮЗИШ ВА ГИРИФТАНИ МАЪЛУМОТ ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

**Моддаи 10. Ҳуқуқ ба омӯзиши касбҳои ҳунармандӣ**

1. Омӯзиши касбии фаъолияти ҳунармандӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ҳамин Қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ ва метавонад бо тартиби зайл таъмин карда шавад:

1) ҳангоми гирифтани маълумоти касбӣ дар муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии касбии дараҷаи дахлдорро амалӣ менамоянд;

2) ҳангоми тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои зерини таълимии касбии дараҷаи гуногун:

- дар комбинатҳои таълимию истеҳсолӣ ва таълимию таҳсилӣ, марказҳои таълимию истеҳсолӣ, мактабҳои касбҳои нодир ва ғайра;

- дар муассисаҳои таълимӣ ва сохторҳои Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон;

- бо тартиби тайёрии инфиродӣ дар назди Устоҳо;

3) ҳангоми таъмини маълумоти иловагии касбӣ (баланд бардоштани дараҷаи тахассус ва такмили дониш);

4) ҳангоми таълими касбӣ дар шакли экстернат.

2. Низомнома дар бораи таълими касбии ихтисосҳои ҳунармандиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

**Моддаи 11. Талабот ба муассисаҳои таълимӣ ва субъектҳои фаъолияти ҳунармандие, ки таълими касбии соҳаи ҳунармандиро амалӣ менамоянд**

1. Муассисаҳои таълими касби ҳунармандӣ бояд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда бошанд ва барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ иҷозатномаи дахлдор дошта бошанд.

2. Ҳангоми таълими касбии ҳунармандӣ муассисаҳои таълимӣ ва субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1) аз рӯи намуди (намудҳои) дахлдори касби ҳунармандӣ дорои устоҳои тавсияшуда бошанд;

2) дорои ҷойҳои кории тавсияшуда барои таълими касбии касбҳои дахлдори ҳунармандӣ ё бо субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, ки чунин ҷойҳои корӣ доранд, шартномаи басташуда дошта бошанд;

3) ваколатномаи (эътиборномаи, аккредитатсияи) ҷамъиятии Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистонро гирифта бошанд;

4) дорои Низомнома дар бораи таълими касби ҳунармандӣ бошанд.

**Моддаи 12. Талабот барои таълими касбӣ ва тайёр намудани мутахассисони касбҳои ҳунармандӣ**

1. Таълими касбии касбҳои ҳунармандӣ мутобиқи стандартҳои давлатии таълими касбӣ тибқи номгӯи муқарраршудаи касбҳои ҳунармандӣ дар асоси барномаҳои намунавии таълими касбии дараҷаи дахлдор, ки хусусияти хоси фаъолияти ҳунармандӣ ва аз ҷониби мақомоди иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи маориф тасдиқшуда амалӣ карда мешавад.

2. Таълими иловагии касбии ҳунармандон мутобиқи стандартҳои таълими иловагии касбӣ дар асоси барномаҳои таълими иловагии касбӣ аз рӯи ихтисосҳои ҳунармандӣ амалӣ карда мешавад.

3. Тайёрии касбӣ ва такмили дониши ҳунармандон дар асоси барномаҳои намунавии тайёр кардан ва такмили дониши ҳунармандон амалӣ карда мешавад.

4. Иттифоқҳои ҳунармандон, иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҳунармандон, инчунин худи ҳунармандон дар таҳияи барномаҳои таълими касбӣ, инчунин барномаҳои намунавии тайёр кардан ва такмил додани дониши ҳунармандон иштирок менамоянд.

5. Дараҷаҳои тахассусии касбҳои ҳунармандиро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдоркардашуда, тибқи тартиби тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамоянд.

**Моддаи 13. Барномаҳои таълимии ҳунармандон**

1. Таълими касбии ҳунармандон зинаҳои зерини ба дараҷаҳои барномаҳои таълимӣ мутобиқро дар бар мегирад:

1) зинаи аввал – таълими ибтидоии касбӣ, ки барномаҳои таълимии он аз ҷониби омӯзишгоҳҳои касбӣ ба амал бароварда (иҷро карда) мешаванд, тибқи натиҷаҳои баҳодиҳии ҷамъбастии он ҳунарманд тахассуси «Шогирди Усто»-ро мегирад;

2) зинаи дуюм – таълими миёнаи касбӣ, ки барномаҳои таълимии он аз ҷониби литсей ва коллеҷҳои касбӣ ба амал бароварда (иҷро карда) мешаванд.

2. Зинаи дуюми маълумот аз рӯи касбҳои ҳунармандиро пас аз ду соли корӣ амалӣ ба сифати шогирди усто гирифтан мумкин аст.

3. Пас аз супоридани имтиҳони тахассусӣ тибқи натиҷаҳои зинаи дуюми таълими касбӣ ба шогирди усто тахассуси «Усто» дода мешавад.

**Моддаи 14. Санҷиши (аттестатсияи) донишомӯзон**

1. Санҷиши хатмкунандагон аз ҷониби комиссияи санҷишӣ (аттестатсионӣ), ки ҳайати онро муассисаи таълими ибтидоии касбӣ аз рӯи ҳар як барномаи асосии таълими касбӣ таъсис медиҳад, амалӣ карда мешавад.

2. Комиссияи аттестатсионӣ аз ҷумлаи намояндагони муаллимон, устоҳои таълими истеҳсолии гурӯҳи хатмкунандагони санҷидашаванда ва устоҳое, ки фаъолияти ҳунармандиро дар таҷриба амалӣ менамоянд, таъсис дода мешавад. Ҳангоми гузаронидани санҷиши ҷамъбастии донишомӯзон тибқи касбҳои ҳунармандӣ, ба ҳайати комиссияи аттестатсионӣ инчунин намояндаи Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон низ дохил карда мешавад.

3. Ҳангоми таҳсили инфиродӣ дар назди Усто, Усто вазифадор аст, ки пайравашро барои гузаштани санҷиш (аттестатсия) ва супоридани имтиҳони тахассусӣ дар муассисаи таълими ибтидоии касбии ҳунари дахлдор тайёр намояд.

4. Усто вазифадор аст, ки ба комиссияи санҷишӣ (аттестатсионӣ) дар бораи пайраваш тавсифнома ва оид ба дараҷаи тайёрии касбии вай хулоса пешниҳод намояд.

**Моддаи 15. Ҳуҷҷатҳо дар бораи маълумоти касбӣ дар соҳаи ҳунармандӣ**

1. Муассисаҳои давлатии маълумоти касбӣ (омӯзишгоҳҳо, литсейҳо ё коллеҷҳо) ба хатмкунандагонашон – шахсоне, ки курси таҳсилро гузаштаанд, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ оид ба дараҷаи маълумот ва тахассуси вобаста ба касби ҳунармандиро медиҳанд.

2. Муассисаҳои ғайридавлатии маълумоти касбӣ ба шахсоне, ки аз санҷиш (аттестатсия) гузаштаанд ва имтиҳони тахассусиро супоридаанд, ҳуҷҷати оид ба дараҷаи маълумот ва тахассуси вобаста ба касби ҳунармандиро ба шарте дода метавонанд, ки агар ин муассисаҳо дорои иҷозатнома барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ тибқи ихтисоси дахлдор бошанд.

3. Ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи тахассуси ҳунармандро ин муассисаҳо танҳо дар ҳолате дода метавонанд, ки онҳо дорои аккредитатсияи (эътиборнома, ваколатнома) давлатӣ бошанд.

**Моддаи 16. Таълими касбии ҳунармандон дар шакли экстернат**

1. Зери мафҳуми «экстернат» азхуднамоии мустақилона, аз он ҷумла, бошитоби барномаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ аз рӯи касби аниқ бо санҷиши (аттестатсияи) оянда дар муассисаҳои давлатии маълумоти ибтидоии касбӣ аз рӯи ихтисоси ҳунармандӣ фаҳмида мешавад.

2. Давомияти таҳсили экстернат, мӯҳлати гузаронидани санҷишҳои (аттестатсияҳои) фосилавӣ ва ҷамъбастӣ бо назардошти манфиатҳои донишомӯз (экстерн), заминаи маълумоти вай ва имкониятҳои муассисаи таълимӣ муқаррар карда мешаванд. Давомнокии умумии таҳсили донишомӯз (экстерн), агар бо шартнома муқаррар нашуда бошад, маҳдуд карда намешавад.

3. Санҷиши (аттестатсияи) донишомӯз (экстерн) ба фосилавӣ (тибқи фанҳои алоҳидаи таълимӣ, модулҳо, блокҳо, курсҳо, зинаҳои таҳсил) ва ҷамъбастӣ тақсим мешавад.

4. Барои гирифтани ҳуҷҷати намунаи давлатӣ дар бораи дараҷаи маълумот ва тахассус, донишомӯз (экстерн) дар муассисаи таълими ибтидоии касбии экстернатро ташкилкарда, барномаи маълумоти ибтидоии касбиро дар доираи касби муайян ба амал бароваранда (иҷрокунанда) ва дорои аккредитатсияи (эътиборнома, ваколатнома) давлатӣ аз ссаниши (аттестатсияи) ҷамъбастӣ мегузарад.

5. Санҷиши (аттестатсияи) донишомӯз (экстерн) тибқи тартибе, ки ҳамин Қонун барои хатмкунандагони муассисаҳои маълумоти ибтидоии касбӣ муқаррар намудааст, гузаронида мешавад.

## БОБИ 4. ТАШКИЛОТҲО ВА ИТТИҲОДИЯҲОИ ҲУНАРМАНДОН

### Моддаи 17. Хусусиятҳои таъсиси ташкилотҳои ҳунармандон

1. Ташкилотҳои ҳунармандон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

2. Оинномаҳои ташкилотҳои ҳунармандон бояд муайян намоянд:

1) тартиби таъсис додани ташкилотҳои ҳунармандонро;

2) ҳайат, ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти идоракунии онҳоро;

3) шартҳои иштирок намудан дар фаъолияти ташкилоти ҳунармандиро;

4) дигар талаботҳоеро, ки барои иҷрои фаъолияти касбии онҳо ҳатмӣ мебошанд.

### Моддаи 18. Иттиҳодияҳои ҳунармандон

1. Ба мақсади ҳифзи мероси фарҳангӣ, барқарорнамоӣ ва рушди шабакаҳои маҳалҳои аҳолинишин, зиёдшавии шуғли аҳолӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони маҳсулоти ҳунармандӣ, ташкилотҳои ҳунармандон ҳуқуқ доранд дар иттифоқҳое, ки ташкилоти ғайритиҷоратӣ (ғайрисоҳибкорӣ) мебошанд, муттаҳид шаванд.

2. Иттифоқи ҳунармандон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ваколатҳои зеринро амалӣ намояд:

1) ба ташкилотҳои ҳунармандон ёрии ҳуқуқӣ, хизматҳои иттилоотӣ, дигар ёрӣ ва хизматҳо расонад, манфиатҳои онҳоро ҳимоя намояд, инчунин намояндаи онҳо бошад;

2) дар доираи ваколатҳояш бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидораи маҳал оид ба ӯҳдадориҳои мутақобила ҷиҳати ташкили фаъолияти ҳунармандӣ шартномаҳо ба имзо расонад;

3) ба ташкилотҳои ҳунармандӣ дар ҳалли масъалаҳои таҳсили касбӣ ва тайёрии касбии ҳунармандон кӯмак расонад, инчунин сохторҳои таълимӣ, комиссияҳои тахассусӣ, шӯроҳои экспертӣ ва таълимӣ – методӣ таъсис диҳад;

4) дар таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳо оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ иштирок намояд;

5) гузаронидани намоишҳо, семинарҳо, ҷаласаҳоро оид ба масъалаҳои фаъолияти ҳунармандӣ ташкил намояд;

6) дар ташхиси (экспертизаи) лоиҳаҳои сохтмон ва рушди объектҳои фаъолияти ҳунармандӣ иштирок дошта бошад;

7) дигар ваколатҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд, амалӣ намояд.

3. Ба истифодаи калимаҳо ва ибораҳои «Иттифоқи ҳунармандон» дар номҳои дигар ташкилотҳое, ки таҳти амали ҳамин Қонун қарор надоранд, роҳ дода намешавад.

**Моддаи 19. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон**

1. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон – ташкилоти ҳунармандии ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратие мебошад, ки фаъолияташро мутобиқи мақсадҳои оинномавиаш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд ва дорои сохторҳои таркибии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ташкилотҳо, шӯъбаҳо ё намояндагиҳо мебошад.

2. Муассисони Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон ташкилотҳои ҳунармандон ва дигар иштирокчиёни фаъолияти ҳунармандон буда метавонанд.

3. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон фаъолияташро мутобиқи талаботи ҳамин Қонун, дигар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оиномааш амалӣ менамояд.

4. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон вазифаҳо ва ваколатҳояшро дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд ва дорои тамоми ҳуқуқҳои барои амалӣ намудани онҳо зарур мебошад.

5. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон мутобиқи ҳамин Қонун ва оинномааш ваколатҳои намояндагиро ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам берун аз марзи он амалӣ менамояд.

6. Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон:

1) низомномаҳои намунавии филиалҳо, шӯъбаҳо, намояндагиҳо ва дигар сохторҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии Иттифоқро таҳия ва тасдиқ менамояд;

2) тавсияҳои намунавӣ, қоидаҳо, маводҳои методӣ ва дастурамалиро, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф намебошанд, барои амалӣ намудан, такмил додан ва баланд бардоштани сифати фаъолияти ҳунармандӣ равона шудаанд ва барои аъзоёни Иттифоқ ҳатмӣ мебошанд, таҳия ва қабул менамояд;

3) тибқи тартиби муқарраршуда қоидаҳои намунавии ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ додани дараҷаҳо ва қоидаҳои санҷиши (аттестатсияи) ҷойҳои кори субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро қабул менамояд;

4) тайёрии касбӣ ва такмили тахассуси роҳбаронро дар соҳаи фаъолияти ҳунармандӣ ва ҳунармандонро ташкил менамояд, ба ин мақсадҳо метавонад мутобиқи қонунгузории ҷорӣ муассисаҳои дахлдори таълимиро таъсис диҳад;

5) тибқи тартиби муқарраргардида барномаҳои намунавии тайёр намудан ва такмил додани касбҳои ҳунармандиро таҳия ва қабул менамояд;

6) тибқи касбҳои ҳунармандӣ шӯрои таълимӣ – методӣ таъсис медиҳад;

7) ҷаласаи (съезди) ҳарсолаи ҳунармандони Тоҷикистонро ташкил намуда, мегузаронад;

8) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оинномааш қарордодҳо ва созишномаҳои байналмилалии ба фаъолияташ вобастаро мебандад ва амалӣ менамояд;

9) манфиатҳои аъзоёнашро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он намояндагӣ менамояд;

10) санҷиши (аттестатсияи) ҷойҳои кории субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро, ки ба Феҳристи ҳунармандони Тоҷикистон дохиланд, мегузаронад;

11) дигар ваколатҳоеро, ки ҳамин Қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, амалӣ менамояд.

**Моддаи 20. Марказҳои ҳунармандӣ**

1. Марказҳои ҳунармандӣ – ташкилотҳои ғайритиҷоратие, ки бо мақсади кӯмак расонидан ба ҳунармандон дар амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ (дар доираи самтҳои фаъолияте, ки дар оинномаҳои марказҳои ҳунармандӣ дарҷ шудаанд), инчунин ба онҳо расонидани хизматҳои иттилоотӣ – маслиҳатӣ ва таълимӣ мутобиқи талаботи бавуҷудомадаи ҳунармандӣ ҳам дар қаламрави вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҳам соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти ҳунармандӣ таъсис дода мешаванд.

2. Шаклҳои ташкилӣ – ҳуқуқии марказҳои ҳунармандӣ, ваколатҳо ва тартиби таъсиси мақомоти идоракунии онҳо, сарчашмаҳои ташаккули амвол, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои муассисон (аъзоён) ва дигар ҳолатҳои ба фаъолияти онҳо алоқаманд, бо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 5. ДАСТГИРИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

**Моддаи 21. Дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ**

1. Фаъолияти ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои ихтиёрӣ, баробарҳуқуқӣ ва худидоракунӣ асос меёбад.

2. Субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ дорои шаклҳои зерини ҳуқуқи афзалиятнок ба дастгирии давлатӣ мебошанд:

1) ба гурӯҳҳои (категорияҳои) алоҳидаи ҳунармандон, ки дар самтҳои барои давлат афзалиятноки фаъолият кор мекунанд, додани ёрии пулӣ ва қарзҳои (кредитҳои) имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳое, ки барои рушди соҳибкории хурд ва миёна пешбинӣ шудаанд;

2) бо шартҳои имтиёзнок дар асоси шартномаи иҷораи тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда ба иҷора додани биноҳо, иншоот ва объектҳое, ки моликияти давлатӣ мебошанд:

а) барои ташкил ва гузаронидани намоишҳо, ярмаркаҳо, конкурсҳо, музоядаҳо, дигар намудҳои савдои махсусгардонидашудаи маҳсулоти ҳунармандӣ ва дигар чорабиниҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ;

б) барои ташкил ва гузаронидани омӯзиши фаъолияти ҳунармандӣ;

в) барои фаъолияти истеҳсолӣ ва таълимии устоҳо - ҳунармандон;

3) аз ҷониби устоҳо – ҳунармандон ва ташкилотҳои ҳунармандӣ тибқи муроҷиаташон ба таври мӯҳлатнок харидорӣ намудани биноҳое, ки онҳо диёда аз 10 сол бо роҳи иҷора истифода мебаранд;

4) бе навбат ҷудо намудан ва додани қитъаи замин барои сохтмони объектҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ;

5) тартиби соддаи бақайдгирӣ ва гирифтани ҳуҷҷатҳои барои амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ иҷозатдиҳандае, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

6) муқаррар намудани таруфаҳои баланди гумрукӣ барои маҳсулоти ҳунармандии дар хориҷа тавлидшуда, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаммонанд доранд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд ва барои фурӯш таъин шудаанд;

9) озод намудани ҳунармандон аз боҷи гумрукӣ ва дигар пардохтҳои гумрукӣ ҳангоми содир ва ворид намудани маҳсулоти фаъолияти худашон, ки барои намоиш дар хориҷа таъин шудаанд, инчунин ҳангоми ворид намудани асбобҳо ва таҷҳизоти барои зиёд кардани сармояи оинномавии ҳунармандон ва ташкилотҳои ҳунармандӣ таъиншуда.

3. Вазъи (статуси) субъекти фаъолияти ҳунармандӣ барои рад кардани ҳуқуқи тибқи асосҳои умумӣ гирифтани ҳама гуна дастгирии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳибкории хурд ва миёна шуда наметавонад.

**Моддаи 22. Шаклҳо ва усулҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти ҳунармандӣ**

1. Ҳар сол бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зерин ташкил ва гузаронида мешаванд:

1) конфоронси байналмилалӣ бахшида ба ҳунармандӣ ва савдои маҳсулоти ҳунармандӣ;

2) намоиш – ярмаркаи байналмилалӣ;

3) конкурси ҷумҳуриявии «Ҳунарманди Тоҷикистон».

Тартиб ва шартҳои ташкил ва гузаронидани конфоронсҳо, намоишҳо – ярмаркаҳо ва конкурсҳои вобаста ба фаъолияти ҳунармандиро Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

2. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидораи маҳалҳо дар доираи ваколатҳояшон шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар шароитҳоро барои ҳифз кардан, эҳё намудан, ва рушди фаъолияти ҳунармандӣ таъмин менамоянд, аз он ҷумла:

1) тавсияҳоеро, ки барои такмил додани танзими ҳуқуқии дастгирии давлатии фаъолияти ҳунармандӣ равона шудаанд, таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;

2) барномаҳои давлатии рушд ва дастгирии фаъолияти ҳунармандиро таҳия, тасдиқ ва амалӣ менамоянд, иштироки субъектҳои фаъолияти ҳунармандиро дар амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ, инчунин дар молрасонӣ, иҷрои корҳо хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлат таъмин менамоянд;

3) оид ба эҳё ва ҳифз намудани анъанаҳои ҳунармандӣ барномаҳои мақсаднок қабул менамоянд;

4) ба амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоявӣ бо мақсадҳои эҳё, рушд ва ҳифз намудани фаъолияти ҳунармандӣ кӯмак мерасонанд;

5) дар таблиғи санъати ҳунармандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз қаламрави он, инчунин дар фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ, аз ҷумла бо воситаи ташкил ва гузаронидани намоишҳо, ярмаркаҳо, конкурсҳо, музоядаҳо, савдои махсуси маҳсулоти ҳунармандӣ кӯмак мерасонанд;

6) оид ба ҳифзи анъанаҳо ва технологияҳои ҳунармандӣ, аз он ҷумла ҳангоми амалӣ намудани расмиёте, ки баҳри пешгирӣ намудани муфлисшавии субъектҳои ҳунармандӣ равона шудаанд, ҳангоми таҷдид ё барҳамдиҳии ташкилотҳои зикршуда чораҳо меандешанд;

7) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати бо мукофотҳои давлатӣ ва соҳавӣ сарфароз гардонидани ҳунармандоне, ки хизматҳои шоён нишон додаанд, дархост пешниҳод менамоянд;

8) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар шаклҳои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои ҳунармандиро амалӣ менамоянд.

3. Шахсони воқеӣ – ҳунармандон аз пардохти андоз аз даромади шахсони воқеӣ, андозе, ки тибқи низоми соддакардашуда пардохта мешавад ва дигар андозҳое, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, озод мебошанд, эъломияҳои андоз пешниҳод намекунанд, аз пеш бурдани даромадҳо ва хароҷот, инчунин пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва дигар ҳисобот озод мебошанд.

**Моддаи 23. Иштироки ҳунармандон дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ**

1. Ҳунармандон бо воситаи ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ иштирок менамоянд.

2. Шаклҳои иштирок дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ аз инҳо иборат мебошанд:

1) иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, лоиҳаҳо ва барномаҳо ва амлисозии онҳо;

2) таҳияи тавсияҳо барои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидораи маҳалҳо;

3) пешниҳоди иттилооти зарурӣ барои ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳунармандӣ;

4) дигар шаклҳои иштирок мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 24. Субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, ки барои гирифтани дастгирии давлатӣ ҳуқуқи афзалиятнок доранд**

1. Ба субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ, ки дорои ҳуқуқи афзалиятноки гирифтани дастгирии давлатӣ мебошанд, инҳо мансубанд:

1) шахсони воқеӣ – ҳунармандон, устоҳо;

2) шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои соҳибкории хурд ва миёнае, ки фаъолияти ҳунармандиро амалӣ менамоянд ва:

- намуди фаъолияташон ва тамоми маҳсулоташон (ба истисноии молҳо, лавозимот ва маҳсулоти ба онҳо монанди иловагӣ), ки илова ба молҳо, корҳо, хизматрасониҳои асосӣ истеҳсол карда мешаванд ва аз 10 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолкардаашон зиёд намебошад, бояд ба яке аз намудҳои фаъолияти ҳунармандӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, мансуб бошад;

- на камтар аз 20 фоизи коргарони дар корхонаи мазкур ё бо ҳунарманд – шахси воқеӣ тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ кор кунанда бояд тахассуси усто ё шогирди усторо дошта бошанд;

- ҳунармандоне, ки дар ҷараёни истеҳсолот шахсан иштирок менамоянд ва 50 фоизи ҳисса ё саҳм дар сармояи оинномавӣ ё амволи умумии рафоқати оддиро доро мебошанд;

3) иттиҳодияҳои (Иттифоқҳои) маҳалии ҳунармандон;

4) марказҳо ва таълимгоҳҳои ҳунармандон.

2. Шартҳои ҳатмӣ барои субъектҳои фаъолияти ҳунармандии дорои ҳуқуқи афзалиятнок ба дастгирӣ аз ҷониби давлат инҳо мебошанд:

1) бақайдгирӣ (дохилшавӣ) дар Феҳристи ҳунармандони Тоҷикистон;

2) таъмини интиқоли малакаҳо, таҷриба ва маҳорати касби ҳунармандӣ бо воситаи тайёр намудани пайравон мутобиқи ҳамин Қонун.

## БОБИ 6. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ҲУНАРМАНДӢ

### Моддаи 25. Бақайдгирии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ

1. Бақайдгирии шахсони воқеӣ – субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии ҳисобии шахсони воқеӣ амалӣ карда мешавад.

2. Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ вобаста аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Бақайдгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии субъектҳои фаъолияти ҳунармандӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» вобаста аз вазъи ҳуқуқии (статуси) онҳо дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раёсатҳои адлияи Вилояти мухтори куҳистони Бадахшон ва вилоятҳо амалӣ карда мешавад.

### Моддаи 26. Гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда барои амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ

Ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳандаи вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти ҳунармандӣ, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷозатдиҳӣ» дода мешаванд.

### Моддаи 27. Назорат ва санҷиши фаъолияти ҳунармандон

Назорат ва санҷиши фаъолияти ҳунармандон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешаванд.

## БОБИ 7. ҲОЛАТҲОИ ГУЗАРИШ ВА ХОТИМАВӢ

### Моддаи 28. Ҳолатҳои хотимавӣ

1. Ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандие, ки то қувваи эътибор пайдо намудани ҳамин Қонун таъсис дода ва ба қайд гирифта шудаанд, дар ҳолати мухолифати оинномаи онҳо ба ҳамин Қонун, ӯҳдадоранд оинномаҳои худро ба ҳамин Қонун мутобиқ намоянд ва дар давоми 12 моҳ аз рӯзи қувваи эътибор пайдо намудани ҳамин Қонун аз бақайдгирии нави давлатӣ гузаранд.

2. Азнавбақайдгирии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҳунармандӣ мутобиқи қисми 1 ҳамин модда ройгон сурат мегирад.

**Моддаи 29. Қувваи эътибор пайдо намудани ҳамин Қонун**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳа

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР

Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ»

Мувофиқи моддаи 58 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «__» ______ соли 2012 №___
ш. Душанбе

Лоиҳа

# ҚАРОРИ
# МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ»

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ» қабул карда шавад.

Раиси
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе, «__» _________ соли 2012, №____

Лоиҳа

# ҚАРОРИ
# МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ»

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи фаъолияти ҳунармандӣ» баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунармандӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

Раиси
Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе, «__» ________ соли 2012 №___